## ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ ГИДРОПОНИКА БАРОИ ХӮРОНИДАНИ МОҲИҲОИ ГАРМИДӮСТ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати беш-тарро ба хоҷагиҳои деҳқонӣ медиҳад, ки саҳми худро дар афзоиши маҳсулоти моҳигӣ мегузоранд. Бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ дар Тоҷикистон талабот ба маводҳои ғизоӣ меафзояд. Мувофиқи меъёри қабул-гардида, миқдори истеъмоли гӯшти моҳӣ, ба сари ҳар як аҳолӣ дар 1 сол 9 кг - ро бояд ташкил диҳад, ҳамзамон ҳоло ин нишондод дар ҷумҳурӣ дар сатҳи паст қарор дошта, диққати олимон ва мутахассисони соҳаро барои дарёфти ҳалли ин масъала ҷалб менамояд.

Самаранок истифода намудани хӯрок барои моҳиҳо яке аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад, чунки маҳсулнокӣ, сифати маҳсул-оти моҳӣ, сиҳатии онҳо ва самаранокии соҳа аз он вобастагии калон дорад.





Ҳарчанд намудҳои беҳта-рин ва сермаҳсултарин моҳиро истифода барем, агар хӯронидани онҳо мувофиқи талабот набошад, маҳсулноки кам мешавад. Ба ғайр аз ин, ҳангоми таъмин накардани талаботи моҳӣ бо хӯрокиҳо ва моддаҳои лозима онҳо ба касалиҳои гуногун гирифтор мешаванд, ки ба иқтисодиёти хоҷагиҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Яке аз хӯрокиҳои серсафедаю витаминдор ин гидрапоника ба ҳисоб меравад. Гидропоника парвариши растаниҳо бе истифодаи хок буда, хӯрокие мебошад, ки 8-маротиба аз орди алафҳо, 5-маротиба аз хӯроки омехта, 7- маротиба аз кунҷора нархаш паст аст. Ин намуди хӯрок аз макро- ва микро элементҳо, витаминҳо ва сафеда бой буда, хӯроки бисёр хуб ва натиҷаовар барои моҳиҳои гармидӯст мебошад, чунки гидропоника дар организм ба осонӣ ҳазмшуда, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз нуқтаи назари иқтисодӣ фоидабахш мебошад. Парвариши гидр-опоника аз шароити иқлими минтақа вобастагӣ дорад. Парвариши гидропоникаро метавонем ҳама фасли сол ба роҳ монем .

Рушди минбаъдаи соҳаи моҳипарварӣ ва маҳсулнокии баланди гӯштии онҳо асосан аз хӯронидан вобаста аст. Мувофиқи маълумотҳои адабиётӣ ба даст омада, таркиби химиявии гидро-поника тамоми он моддаҳое, ки барои вазнгирии моҳиҳо лозиманд доро буда, истифодаи он дар хӯронидани моҳиҳо самаранок мебошад.

моддаҳое,ки барои вазнгирии моҳиҳо заруранд доро буда,

Пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар мебошад. Рушди минбаъдаи соҳаи моҳипарварӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣи мамлакат, баланд бардоштани истеҳсоли гӯшти моҳӣ ва амали гардонидани барнома сатҳи камбизоатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ба сокинони кишвар мавқеъи аввалин дараҷа дорад.







ТЕЛ: (+992) 988077178; 934784178.
Почтаи эл. FARRUKH.SHAMSIDINOV.94@MAIL.RU

**ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ЧОРВДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ**

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ ГИДРОПОНИКА БАРОИ ХӮРОНИДАНИ МОҲИҲОИ ГАРМИДӮСТ



**Душанбе – 2024**